ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

юнисеф
барои ҳар як кӯдак

# Дастури омӯзишӣ барои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф оид ба фаъолият оғоз намудани муассисаҳои таълимӣ вобаста ба пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (COVID-19)

# Муқаддима

Ин маҷмӯи маводи муқаддимавии мухтасар барои муайян намудани мушкилиҳое, ки муассисаҳои таълимӣ дар рафти азнавкушодашавӣ - оғози таҳсил ба он дучор мегарданд ва муқаррар намудани стратегияҳои дақиқ, ки чӣ гуна муассисаҳои таълимӣ барои хонандагон, шароити бехатар ва мусоидро фароҳам меоранд, нигаронида шудааст. Он ба омӯзгорон, хонандагон ва аҳли ҷомеа дастуру маслиҳатҳои амалӣ барои ҳамкорӣ пешниҳод менамояд, то ин ки муассисаҳои таълимӣ ҳамчун макони умед ва рушд хизмат намоянд. Ҳамчун омӯзгор ва роҳбари муассисаи таълимӣ, шумо эҳтимолан оид ба таҷрибаи душвор ва осебовар, ки ба он оилаҳо ва хонандагон дар натиҷаи мушкилиҳои вобаста ба вазъи саломатии аъзои оила дучор гарданд ва чӣ гуна он ба ҳаёти оянда ва орзуҳои онҳо таъсир мерасонад, хабардор хоҳед гашт. Маводи мазкур роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва масъулони соҳаи маорифро оид ба талаботҳои асосии он фикру мулоҳиза намудан ҳавасманд месозад: (I) бо мақсади бартараф намудани ҳамаи монеаҳо дар иштирок, омӯзиш ва некӯаҳволӣ таъмин намудани он ки тамоми кӯдакон ва наврасон имконияти иштирок дар таҳсилоти босифат ва фарогир дошта бошанд, таълим гирифта тавонанд ва ба таври мувофиқ нигоҳубину дастгирӣ карда шаванд; ва, (II) тақвият бахшидан ба устуворпазирии низоми мавҷуда ва иқтидори муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф баҳри амалӣ гардонидани таҳсилоти босифати фарогир барои тамоми кӯдакон, аз ҷумла, дар давраи буҳрон.

Талаботи асосии ҳуҷҷат ҳамчунин дар таҳлил банақшагирӣ, татбиқу баррасии стратегияҳои низоми маориф дар чор самти муҳими ба ҳамдигар алоқамандро тақвият мебахшанд:

1. Дастрасӣ батаҳсил
2. Омӯзиши фарогир ва босифат
3. Некӯаҳволӣ (солимии рӯҳӣ ва дастгирии равонию иҷтимоӣ)
4. Ташкили муҳити бехатар дар муассисаҳои таълимӣ

## Ҳадафҳои омода намудани маҷмӯи маводи муқаддимавӣ барои омӯзгорон:

- Расонидани кӯмак ба омӯзгорон, хонандагон ва аҳли ҷомеа ҷиҳати ба таври муназзам оғоз ва таъмин намудани таҳсилоти сатҳи касбӣ ва бехатар дар давоми азнавкушодашавии муассисаҳоитаълимӣ;
- Дастгирии омӯзгорон барои қонеъ намудани ниёзҳои таълимӣ, бехатарӣ ва некӯаҳволии равонию иҷтимоӣ.

# **Машғулияти якум:** Шиносоӣ (15 дақиқа)

Пеш аз оғоз намудани дилхоҳ омӯзиш, мо бояд бо иштирокчиён оид ба вазъи фаъолияти «Бозгашт ба муассисаи таълимӣ » (ББМ) мубодила намоем ва онҳоро бо нақша ва миқёси фаъолият шинос кунем. Якчанд машғулиятҳо вуҷуд доранд, ки барои кӯмак намудан ба омӯзгорон дар омӯхтани стратегияҳои ББМ, таҳия гардидаанд. Дар ин машғулият як усули омӯзиши фаъол, ки доимо дар барномаи таълимӣ дида мешавад, истифода мешавад: “Ҷадвали Медонам, Донистан мехоҳам, Донистам (МДД)”. Ҳоло мо раванди ягон усулро дида намебароем. Аммо вақте ки дертар дар семинар ба он дучор мешавем, иштирокчиён таҷрибаи сарукор гирифтани худро бо онҳо дар ин машғулият инъикос карда метавонанд.

Машғулиятҳои пешниҳодгардида барои муайян намудани дониш, малака ва муносибати омӯзгорон оид ба ББМ дар давраи пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (COVID -19).

## Ҷадвали МДД (15 дақиқа)

**Машқ:** 1. Ҷадвали МДД

**Ҳадафҳо:** Арзёбии он, ки гурӯҳ то чӣ андоза оид ба ББМ медонад, фикр мекунад ва чӣ барояш шавқангез аст. Инчунин, тавассути ҷадвали МДД, иштирокчиёнро барои фикру мулоҳиза намудан оид ба азнавкушодашавии муассисаҳои таълимӣ ҳангоми пандемияи COVID -19 водор менамояд

**Вақт:** 15 дақиқа

**Мавод:** Се флипчарт барои сохтани як ҷадвали МДД

| Мо оид ба ББМ чиро **м**едонем? | Мо оид ба ББМ чиро донистан **м**ехоҳем? | Мо оид ба ББМ чиро **о**мӯхтем? |
|---|---|---|
| | | |

1. Гурӯҳро дар назди флипчарт ҷамъ намоед (ба боло нигаред).
2. Аз гурӯҳ хоҳиш намоед, ки оид ба ББМ чиро аллакай медонанд, мубодила намоянд ва стратегияҳои худро барои азнавкушодашавии муассисаҳои таълимӣ дар сутуни якум нависанд.
3. Баъдан аз онҳо пурсед, ки оид ба стратегияҳои ББМ чиро омӯхтан мехоҳанд ва чӣ барояшон шавқангез мебошад ва ҷавобҳояшонро дар сутуни дуюм нависанд.
4. Аз иштирокчиён ҳангоми пур кардани сутуни сеюм пурсед, ки чиро омӯхтанд (дар охири семинар).

## **Машғулияти дуюм:** Мулоҳизаҳои асосӣ барои аз нав кушодашавии бехатари муассисаҳои таълимӣ дар шароити пандемияи COVID-19 (40 дақиқа)

**Машқ:** 2. Мулоҳизаҳои калидӣ асосӣ барои азнавкушодашавии бехатари муассисаҳои таълимӣ дар заминаи шароити пандемияи COVID-19

**Ҳадафҳо:** Мусоидат намудан ба иштирокчиён дар гирифтани маълумоти бештар оид ба шартҳои асосӣ барои азнавкушодашавии бехатари муассисаҳои таълимӣ

**Вақт:** 40 дақиқа

**Мавод:** Тақсимоти ду варақа оид ба ББМ барои ҳар чор иштирокчӣ

1. Ба иштирокчиён гӯед, ки барои ин машқ онҳо дар гурӯҳҳои иборат аз 4 нафар кор мекунанд. Ба ҳар як гурӯҳ қисми муайян аз дуварақа оид ба ББМ дода мешавад ва онҳо барои омӯзиши худ уҳдадор мешаванд.
2. Ба ҳар як гурӯҳ қисмҳои дар поён зикршудаи марбут ба бехатарӣ ва некӯаҳволии муассисаҳои таълимӣ барои хондан ва мулоҳиза намудан диҳед.
3. Баъд аз он ки ҳама омӯзгорон бо фикру мулоҳизаҳо оид ба ББМ омодаанд, барои муҳокимаи тавсияҳои умумии дар зер овардашуда аз презентатсия тавассути барномаи Power Point истифода баред. Дар давоми суҳбат аз онҳо пурсед, оё савол ва ё шарҳе доранд. Ба онҳо бигӯед, ки ин тавсияҳоро ҳамчун тавсияҳои пешниҳодшуда баррасӣ намоянд ва ба ҳеҷ гоҳ онҳо модели муайянро ташкил намедиҳанд. Аз сабаби он ки вазъият дар муассисаҳои таълимӣ гуногун аст, таҷриба ошкор месозад, ки баъзе хусусиятҳои умумӣ такрор мешаванд.
4. Дар охири презентатсия ва мулоҳизаҳо, лутфан, ба онҳо навори кӯтоҳ оид ба аз нав кушодашавии муассисаҳои таълимиро нишон диҳед.

# Мулоҳизаҳои умумӣ барои азнавкушодашавии бехатари муассисаҳои таълимӣ

## Пеш аз кушодашавии муассисаҳои таълимӣ:

- Таъмин намудани дастрасии собун, маҳлулҳои безараргардонӣ, ҳароратсанҷ (ҳадди ақал ду адад барои нуқтаи тиббии ҳар муассисаҳои таълимӣ).
- Таъсис додани кумитаи ҳамоҳангсоз дар муассисаҳои таълимӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо COVID-19, ки ба ҳайати он омӯзгорон ва аъзоёни Асосиатсияи волидон ва омӯзгорон (АВО) дохил мешаванд.
- Огоҳ кардани аҳли ҷомеа оид ба он ки тамоми хонандагон, омӯзгорон ва кормандон бояд ҳангоми рафтан ба/бозгаштан аз/дар дохили муассисаҳои таълимӣ бояд ба таври дуруст ниқоб пӯшанд.
- Огоҳ кардани волидони хонандагон оид ба таъмин намудани кӯдакони худ бо ниқобҳои бисёркарата ва яккарата (аз матои ҳавогузар ба таври дастӣ омодашуда).
- Ба таври лозимӣ безарар гардонидани атрофи муассисаҳои таълимӣ, синфхонаҳо, лавозимоти муассисаи таълимӣ й.
- Таъмин намудани маъмурияти муассисаҳои таълимӣ бо “Нақшаи амал”-и марҳилавии дақиқ, ки ҷиҳатҳои зеринро фаро мегирад:
    - Идоракунӣ ва ҷудо кардани хонандагону кормандони дорои аломатҳои беморӣ (табъи баланд, сулфа ва душворӣ ҳангоми нафаскашӣ) ва хабар додан дар бораи ин гуна ҳолатҳо ба муассисаҳои тиббии маҳаллӣ;
    - Дар иртибот будан бо хонандагон ва кормандоне, ки дар хона маҳдуд шудаанд ва ё ба бемории сироятии коронавирус (COVID-19) гирифтор шудаанд;
    - Сарукор гирифтан бо масъалаи ҳозир нашудани хонандагон ва кормандон бинобар вазъи бади саломатӣ ва дастур оид ба дар хона мондан;
    - Бозгашти бехатар ба муассисаҳои таълимӣ барои омӯзгорон, хонандагон ва кормандон, ки аз коронавирус (COVID-19) сироят ёфтаанд.
- Омода/огоҳ намудани маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон оид ба пешгирӣ ва мубориза бо COVID-19.
- Доимо дар тамос будан бо ситоди муассисаи таълимӣ ва ситоди раёсат, шуъаҳои аориф оид ба пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (COVID - 19).

## Дар ҳудуди муассисаи таълимӣ (дар синфхона, долон, ошхона, майдончаҳои бозӣ):

- Дар давоми рӯз ва байни бастҳо тоза кардани сатҳҳое ки ба онҳо зуд-зуд даст расонида мешавад, ошхона, ҷойҳои дастшӯйӣ, ҳоҷатхонаи муассисаи таълимӣ.
- Хотиррасон намудани хонандагон оид ба шустушӯйи мунтазам ва бодиққати дастон.
- Дастрасии собун ва маҳлули безараргардонӣ қабл аз оғозшавии басти дуюм ва ба қадри имкон таъмин намудани онҳо.
- Истифодаи фазои беруна барои таълим ва омӯзиш дар ҳолатҳои мавҷуд будани чунин имконият (махсусан барои дарсҳои суруд ва мусиқӣ).
- Агар имконпазир бошад, аз синф ба синф гузаштани омӯзгорон ба ҷойи хонандагон.
- Омӯзгорон бояд аз хонандагон 2 метр фосила гиранд, агар ин ба ҷараёни таълим халал нарасонад.
- Маҳдуд намудани ташрифҳои нолозим ба бино – тамоми меҳмонон бояд ниқоб пӯшанд.
- Дар муддати то ҳадди имкон тӯлонӣ кушода мондани дару тирезаҳо бо мақсади таъмин намудани шамолдиҳии хуб.

## Дар синфхона:

- Маҳдуд намудани тамоси байниҳамдигарии ҳамсинфон тавассути аиав тартиб додани ҷадвали дарсҳо ва вақти танаффусҳо (масалан, 5 дақиқа пештар ҷавоб додани хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз дарс; бо навбат ба танаффус ҷавоб додани синфҳо).
- Истифода бурдани дари баромад дар муассисаи таълимӣ барои гуселонидани хонандагони басти аввал ва даромади асосӣ барои қабули хонандагони басти дуюм.
- То ҳолатҳои имконпазир кам кардани андозаи синфҳо (тақсимоти баробари хонандагони як синф байни синфхонаҳо).
- Ҷобаҷо гузоштани ҷойҳои нишасти хонандагон бо риояи фосилаи на камтар аз 1 метр (масалан, ба тартиби шоҳмот гузоштани курсиҳо).
- То қадри имкон маҳдуд намудани рӯ ба рӯшавии хонандагон ва омӯзгорон берун аз синфхона.



## Дар долон:

- Баррасӣ намудани имконияти ташкили долони яксамта барои маҳдуд сохтани тамоси наздик.
- Гузоштани аломатҳо аёнӣ, аз қабили часпак (скотч), дар рӯйи фаршҳо ё роҳравҳо барои муайян намудани ҳаракати яксамта.
- Дар синфхона нигоҳ доштани хонандагон ва иваз кардани омӯзгорон бо мақсад пешгирӣ намудани ҷамъшавии хонандагони сершумор дар долон дар вақти танаффусҳо.

## Дар ошхонаи муассисаи таълимӣ:

- Баррасӣ намудани имконияти ба гурӯҳҳо тақсим кардани хонандагон, эҳтимолан дар синфхонаҳо, махсусан, агар онҳо тамоми рӯз дар синфхонаи худ монанд.
- Таъсис додани хӯроки нисфирӯзии алоҳида барои кам намудани шумораи хонандагон дар як вақт дар ошхонаи муассисаи таълимӣ.
- Истифодаи ҷойҳои иловагӣ ва фазои кушод барои хӯроки нисфирӯзӣ.
- Манъ кардани фурӯши нӯшокиҳои газдор а хӯрокҳои тезтайёр

## **Машғулияти сеюм:** Воситаҳо ва стратегияҳои амалӣ барои омӯзгорон бо мақсади фароҳам овардани муҳити мусоиди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ (35 дақиқа)

**Машқ:** 3. Воситаҳо ва стратегияҳо амалӣ барои омӯзгорон

**Ҳадафҳо:** Расонидани кӯмак ба иштирокчиён барои дарёфти стратегияҳо вобаста ба ташкил намудани муҳити бехатар ва мусоиди таҳсил барои хонандагон

**Вақт:** 35 дақиқа

**Мавод:** Презентатсия тавассути барномаи Power point ва навори кӯтоҳ оид ба ББМ

1. **Ба омӯзгорон пешниҳод намоед, ки тавассути бозиҳо ва машғулиятҳои фаъол онҳо бояд дарк кунанд, ки дар ҳаёти хонандагон чӣ ҳодиса рух додааст** – гирифтор будан бо натиҷа ва вазъияти коронавирус шояд бефоида бошад, муҳим он аст, ки мо таъсири мушкилиҳоеро, ки дар чанд моҳи охир аз сар гузаронида истодаем, дарк намоем. Пайдо намудани мувозинат байни дарки мушкилиҳои вазъияти кунунӣ, қурбониҳое, ки одамон паси сар намуданд, муҳим мебошад. Сӯҳбат бо гурӯҳ метавонад ҳолатҳои равонии хонандагонро барқарор созад. Бояд боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагони ниёзманд ба муошират оид ба мушкилиҳояшон, имкони дар алоҳидагӣ бо шумо гуфтугӯ карданро пайдо намоянд. Махсусан нафароне, ки таҷрибаи нисбатан муқаррарии маҳдудиятҳо дар хонаро доштанд, бо имкони аз нав ба ҳам омаданро дучанд қадрдонӣ кунанд.
2. Яку якбора шурӯъ намудан ба ҷадвали банақшагирифта шояд душвор хоҳад буд, чунки хонандагон муддати тӯлонӣ дур аз реҷаи ҳаррӯзаи муқаррарӣ буданд. Онҳо инчунин метавонанд оид ба вақти берун аз муассисаи таълимӣ гузаронидаи худ фикру саволҳои зиёд дошта бошанд. Албатта, бояд боварӣ ҳосил намуд, ки хонандагон машғулиятҳои пеш аз таътил банақшагирифтаро иҷро намоянд.
3. Тадриҷан зиёд намудани дарсҳо, баробар кардани шумораи дарсҳои бештар фаннӣ бо дарсҳои эҷодкорию касбӣ метавонад яке аз бархурдҳоро ташкил диҳад.

# Маслиҳатҳои умумӣ барои идора кардани раванди таҳсил

- Ба хонандагон хотиррасон кунед, ки аъзоёни оила, омӯзгорон ва дигарон нисбати онҳо ғамхорӣ мекунанд ва доим омодаанд, то ки онҳоро дар бехатарӣ ва солимӣ нигоҳ доранд. Аҳли ҷомеа ва сохторҳои ҳукуматӣ инчунин кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ба паҳншавии беморӣ роҳ надиҳанд.
- Аз кӯдакон пурсед, ки онҳо чиро аллакай медонанд ё ин ки ягон савол доранд. Маълумоти мувофиқ ба синну солро дар асоси ҷавобҳои онҳо пешниҳод намоед. Кӯдакони аз ҳама хурдсол ба фаҳмондадиҳии оддӣ ниёз доранд, ба монанди "Баъзе одамон бемор шуда истодаанд. Мо бошад, худро хеле эҳтиёт мекунем, то ки солим бимонем". Хонандагони синфҳои ибтидоӣ эҳтимолан маълумоти бештарро талаб хоҳанд кард. Ҳар як хонанда муносибату талаботи ба худ хосро дорад ва муҳим аст, ки сӯҳбати худро ба сатҳи инкишоф ва ниёзҳои хонанда мутобиқ созед.
- Ба тарсу нигарониҳои хонандагон гӯш кунед. Ба онҳо ҳамдигарфаҳмӣ ва дастгирӣ баён намоед, инчунин ба онҳо кӯмак расонед, то ки ба сарчашмаи тарсу хавотирҳояшон воқеан сарфаҳм раванд.
- Ба онҳое, ки аз беморӣ осеб дидаанд ғамхорӣ ва ҳамдардӣ зоҳир намоед. Аз шарҳҳои манфӣ ё стереотипӣ оид ба дигарон, ба монанди айбдоркунии гурӯҳи одамон худдорӣ намоед.
- Мусбат бошед - гарчанде ки дарк намудани мушкилот ва талафоте, ки мо ҳама дар натиҷаи беморӣ аз сар гузарондем, бениҳоят муҳим аст, муносибати мусбӣ ба оянда, эҳтимолан, муфид хоҳад буд. Таваҷҷӯҳи махсус ба ташаккули робитаҳои қавӣ ва бо боварӣ ба оянда назар кардан метавонад ба бархе аз нигарониҳое, ки хонандагон аз сар мегузаронанд, мусоидат намояд.

# Тавсияи якум: Банақшагирии таҳсилоти бехатар

Бо назардошти тамоми шароитҳои гуногун, як ҳафта пеш аз оғози таҳсил, муҳим аст, ки фазои таҳсил дар муассисаи таълимиро чунон ташкил намуд, то ки кӯдакон вақташонро бо фароғат ва дилхушӣ гузаронанд. Ин амалро беҳтараш дар гурӯҳҳои хурд вобаста ба хоҳиши омӯзгорон анҷом дод.

Фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва фароғатӣ, ба монанди гурӯҳҳои мусиқӣ, дастаҳои рақсӣ, фестивалҳои рассомӣ, мусобиқаҳои варзишӣ ва бозиҳои футбол бениҳоят маъмуланд. Чунин фаъолиятҳо метавонанд аз ҷониби омӯзгорону хонандагон ва аҳли ҷомеа дар муассисаҳои таълимӣ ташкил карда шавад.

Ин фаъолият то андозаи муайян мушкилиҳои ҳаётро ҷуброн намуда, ба раванди барқарорсозӣ инсон пас аз беморӣ мусоидат менамояд. Фаъолияти дар боло зикршударо метавон дар фазои беруна бо риояи чораҳои ҳифзи фардӣ ва фосилаи ҷисмонӣ гузаронид. Фаъолиятҳои мазкур нақши пешгирикунандаро мебозад, мансубияти фарҳангӣ ва ҳисси худбаҳодиҳиро такмил дода, ба онҳое, ки дар шароити душвор зиндагӣ мекунанд, ҳамчун дастгирии иловагӣ хизмат мекунад. Ин ҳамчунин вақти мусоид барои муҳокимаи масъалаҳои эпидемиологию тандурустӣ дар кишвар мебошад ва чӣ қадар он ба ҳаёти мо таъсир мерасонад, дар ҳолате агар мо ба қоидаҳои ташаккули муҳити бехатар ва мусоид дар муассисаи таълимиро риоя накунем.

БОЗӢ

*Кӯдакони хурдсол бо воқеаҳои душвор тавассути бозиҳо ё кашидани расмҳои воқеъи байён месозанд. Онҳо метавонанд бозичаҳо созанд, ки бо воқеаҳо алоқамандии аён доранд, ё ин ки қисм ё тамоми воқеаи пуризтиробро, ҳангоми танҳо ва ҳамроҳи дигарон бозӣ кардан, нишон диҳанд. Ин албатта, роҳи бартараф намудани ҷанбаҳои аз сар гузаронидашуда ва ҳам эҳсосии таҷрибаи онҳо мебошад.*

*Бозиҳо метавонад кӯмаки хеле муфид барои кӯдак дар посух додан ба воқеаҳои бад гардад. Дар ҳоле ки бозиҳо одатан метавонанд эҳсосоти кӯдакон махсусан изтироби онҳоро ором намоянд, кӯдакон наметавонанд дар бозиҳое, ки изтиробро айнан инъикос менамояд шомил шаванд ва оромиро ҳис кунанд. Тавассути бозӣ, онҳо метавонанд тарсу изтиробро дар хаёлоти худ тарҳрезӣ кунанд ва ба ин роҳ рафти воқеаро тағйир дода, ҳодисаи рӯйдиҳандаро таҳти назорати худ қарор диҳанд. Бозӣ метавонад инчунин расмкашӣ ва эҷоди ҳикояҳои инфиродиро дар бар гирад.*

# Тавсияи дуюм: Омӯзиши таҷрибаҳои пешқадам дар ҳалли мушкилот

Аксари кӯдакон ва наврасон дар муҳити мураккаби хона дар маҳдудият қарор доштанд. Азбаски бархе дар хона якҷоя маҳдуд гардидаанд, эҳтимолан, ин мураккабии вазъро барои баъзе оилаҳо дучанд гардонд. Дигарон бошанд бори аввал бо чунин таҷрибаҳои мураккаб дучор меоянд.

Мушкилии асосии азнавкушодашавии муассисаҳои таълимӣ муайян намудани он, ки таҷрибаи маҳдудкунии кӯдакон дар хона чи гуна буд ва маҷмӯи чораҳои эҳтиётӣ, ки метавонанд эҳтимолан дар баробари сӯҳбати кӯдакон бо омӯзгорон ба миён оянд, мебошад. Бо назардошти хосияти пандемияи коронавирус, дар хотир доштан муҳим аст, ки ин мушкилиҳо метавонанд нисбати дилхоҳ кӯдак рух диҳанд ва на танҳо нисбати онҳое, ки қаблан чун осебпазир муайян гардида буданд ва бисёри кӯдакон ба як қатор воқеаҳои вазнин дучор хоҳанд гашт. Ҳамчун омӯзгор, шумо шояд хабардор ҳастед, ки чиро хонандагони шумо аз сар мегузаронанд ва бо оғози таҳсил, мушкилиҳои дақиқе, ки муассисаи таълимии шумо бо онҳо дучор мегарданд, ошкор мегарданд. Дастгирии хонандагони худ дар рафти ин гузариш ба малакаҳои сершуморе, ки шумо ҳамарӯза барои пешниҳод намудани маслиҳату тавсияҳои эҳсосӣ ва таълимӣ истифода мебаред, асос хоҳанд ёфт.

Ду боби оянда ба такмили донишу таҷрибаи шумо, ки бояд тавсияҳои минбаъдаро ҳангоми банақшагирии гузариш ва сӯҳбат бо хонандагон дар хотир нигоҳ дошт, пешниҳод менамоянд. Инчунин воситаҳо ва стратегияҳои боз ҳам мувофиқ барои барқароркунии муносибатҳо ва дастгирии хонандагон нигаронида шудаанд.

## Тавсияи сеюм: Чиро бояд дар хотир нигоҳ дошт?

Тарзи муносибат якранг ва ба ҳама мувофиқ вуҷуд надорад - хонандагони ҷудогона аз як синф дар давраи маҳдуди дар хона ба ҳолатҳои гуногун дучор гардиданд. Онҳо инчунин дорои сатҳи гуногуни малакаҳои бартарафкунӣ ва тобоварӣ дар мубориза бо он таҷрибаҳо хоҳанд буд. Беғараз будан нисбати он, ки хонандагон чиро аз сар гузаронидаанд ва чи гуна бо он мубориза хоҳанд бурд хеле муҳим мебошад.

- **Дастаи шумо на танҳо муассисаи таълимии шумост, балки васеътар аз он аст** – Баъзе аз мушкилиҳое, ки шумо чун омӯзгор ба онҳо дучор мешавед, ба назар рафънопазир менамоянд, аммо дар ҳоле ки шумо ба гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ва ихтиёриён барои кӯмак муроҷиат намоед, онҳо метавонанд шуморо дастгирӣ кунанд. Имкониятҳоро барои вохӯрии омӯзгорон ва волидон бо мақсади муҳокима намудани масъалаҳо ва интизориҳо аз бозгашт ба муассисаи таълимӣ фароҳам оред ва ба онҳо мусоидат намоед.

> **Мушкилиҳо ва вазъиятҳое, ки кӯдакон бо онҳо дучор шуда метавонанд:**
> - Зӯроварӣ дар оила.
> - Муносибати бераҳмона ва беэътиноӣ (махсусан нисбати кӯдакони дорои маъюбият).
> - Низоъҳои оилавӣ.
> - Мушкилиҳои молиявӣ, масалан аз даст додани ҷойи кор аз ҷониби волидон ё парасторон.
> - Хавотир шудан нисбати хешованд, ки сарчашмаи даромади хонавода, ки корашро аз даст додааст.
> - Иҷро намудани ӯҳдадориҳои дигар аъзои оила.
> - Гуруснагӣ ва норасоии ғизо.
> - Бепанохӣ ва ноумедӣ.

- **Посухҳои гуногуни эҳсосӣ** – Бо назардошти он, ки хонандагон намудҳои сершумори талафро дар давраи берун аз муассисаи таълимӣ буданашон аз сар гузаронидаанд, шумо метавонед бо намудҳои гуногуни посухи эҳсосӣ дучор шавед. Кӯдакон ва наврасон бо роҳҳои гуногун ба ҳолатҳои душвор посух хоҳанд дод. Худи ҳамон кӯдак рӯз аз рӯз метавонад посухҳои гуногун нишон диҳад. Ба кӯдакон вақти иловагӣ ва имкон фароҳам оред, то онҳо дониш ва малакаҳои пешинаро аз худ кунанд. Дарк намоед, ки эҳтимолияти зиёд вуҷуд дорад, ки кӯдакони дорои маъюбият ва маъюбият надошта малака ва дониши қабл аз ё дар давоми басташавии муассисаҳои таълимӣ омӯхтаро фаромӯш кардаанд. Ҳангоми баргаштани кӯдакони дорои маъюбият ва маъюбият надошта ба муассисаи таълимӣ ҳолатҳои ғайриодӣ ва стрессҳои бинобар COVID-19 ба миён омадаро дарк намуда, имкон диҳед, ки вақти дарс ба солимии равонӣ ва некӯаҳволии онҳо равона гардад.

- **Таҳсилот шояд андаке мавқуф гузошта шавад** – хонандагон шояд дарҳол ба оғоз намудани таҳсил яку якбора пас аз баргаштан ба муассисаи таълимӣ омода набошанд. Паст шудани қобилияти доштани тавозун як таҷрибаи паҳншуда барои кӯдакон ва наврасоне мебошад, ки ба азобу изтироб дучор гардидаанд. Бозгашти фаврӣ ба дарсҳои банақшагирифташуда метавонад ба рафтори пуризтироби наврасон оварда расонад, зеро хонандагон дубора кушиш менамоянд то ба муҳит ва одамони нав одат кунанд. Пайдо намудани вақт ва имкон додан ба онҳо хеле муфид хоҳад буд, то ки тавассути суҳбатҳо худро ба омӯзиш омода намоянд. Аммо, дарк кардан муҳим аст, ки баъзе хонандагон, хусусан онҳое, ки ба имтиҳонҳо тайёрӣ мебинанд, шояд кӯшиш кунанд, ки боз таҳсилро оғоз кунанд ва боварӣ ҳосил намоед, ки онҳо вақти аздастрафтаро дарёб намоянд.

# Фаъолиятҳои тавсиявӣ барои тақвияти таълим дар муассисаҳои таълимӣ

- Фаъолиятҳое, ки дар он тамоми хонандагон иштирок меварзанд ва ба онҳо имкон медиҳад, ки хусусан ба ҷиҳатҳои хуби худ таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд, муфид хоҳад буд. Кӯшиш кунед, ки ба хонандагон бозиҳои ҳархела барои иҷрои он дар гурӯҳ якҷоя бо фаъолиятҳо ва муаммоҳои гуногун, ки баъзеҳояшон метавонанд аз навиштан, расмкашӣ, машқҳои мантиқӣ, ҷисмонӣ ва ё ҳалли мушкилот иборат бошанд, ташкил намоед.
- Агар ба синфи шумо хонандагони нав ҳамроҳ шаванд – масалан хонандагони соли аввали таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ – шумо метавонед роҳҳои алтернативии барқароркунии робита байни хонандагонро барқарор созед.
- Фаъолияти эҷодӣ одатан ба мо барои изҳори эҳсосот, ки баёни он бо калимаҳо бароямон душвор мебошад, мусоидат менамояд ё ҳангоми доштани эҳсоси манфӣ кӯмак мекунад, то ки худро танҳо ҳис накунем. Порчаҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва маҳфили драма, ки баъзе эҳсосоти азсаргузаронидаи кӯдаконро инъикос менамоянд, метавонад роҳи муфид барои оғози муҳокимаҳо гарданд – вобастагии онҳо ба коронавирус ҳатмӣ нест. Эҷодкорӣ дар дарси санъати тасвирӣ низ инчунин метавонад омили муттаҳидкунӣ бошад.
- Эҷод намудани ягон асари санъат бо тамоми синф (ё ҳатто бо тамоми муассисаи таълимӣ) метавонад ба барпо намудани робита ва эҷоди ҳисси мансубият мусоидат намояд. Ягон чизе одӣ, масалан тасвире, ки аз пайи дастони инфиродӣ иборат мебошад ва барои хонандагони қобилиятҳои гуногун дастрас аст. Онро дар синфхона ҳамчунаёният ва ёддошт аз фаъолияти муштараки синф метавон намоиш дод.
- Аз синф хоҳиш намоед оид ба чизҳое, ки метавонанд ҳангоми нороҳатӣ иро менамоянд, фикр мекунанд ва онро дар ягон ҷойи синф ба намоиш гузоред. Ин метавонад «нороҳатии маро нависед», «оид ба шахсе, ки ба ман ҳисси бехатарӣ мебахшад, фикр кунед» ё «ҳиссиёти маро қайд кунед - ман чиро дида, шунида, чашида, бӯй карда ё ҳис карда метавонам» -ро дар бар гирад.
- Аз низоми “вақти дамгирӣ” ӯҳдабароёна истифода баред, то ки дар давоми он хонандагон ҳангоми зарурӣ каме вақти оромӣ барои хондан ё истироҳат дошта бошанд. Дар муассисаи таълимӣ ҳои миёна, агар шумо макони ором барои истифодаи хонандагон дошта бошед, аксар вақт, дар давраи аввали оғози таҳсил метавонед онро ба тамоми хонандагон фароҳам намоед.
- Дар синфхона “зарфи нороҳатӣ” ё дар дари идораи худ як қуттии паёмҳо дастрас кунед то ки тавассути он хонандагон шуморо оид ба чизе, ки онҳоро ташвиш медиҳад хабардор карда тавонанд.
- Худро эҳтиёт кунед – омӯзгорон, мисли аксари кормандони асосии муассисаи таълимӣ, барои некӯаҳволии дигарон ӯҳдадор ҳастанд. Дар ин замони махсусан душвор, он метавонад боиси сарбории зиёд ба саломатии рӯҳии шумо гардад. Барои дар сатҳи зарурӣ дастгирӣ кардани хонандагони худ, ҳамчунин муҳим аст, ки шумо аз пайи некӯаҳволии худ шавед.

# Машғулияти ҷамъбастӣ (15 дақиқа)

**Машқ:** Ҷадвали МДД барои инъикоси омӯзиш

**Ҳадафҳо:** Арзёбии он, ки гурӯҳ то чӣ андоза оид ба ББМ медонад ва фикр мекунад ва чӣ барояш шавқангез аст. Ин имкон медиҳад, ки то чӣ андоза омода будани омӯзгорон барои дастгирии ББМ муайян намуд

**Вақт:** 15 дақиқа

**Мавод:** Кор дар флипчартҳои мавҷуда, ки дар аввал омода шуда буданд

| Мо оид ба ББМ чиро **м**едонем? | Мо оид ба ББМ чиро донистан **м**ехоҳем? | Мо оид ба ББМ чиро **о**мӯхтем? |
|---|---|---|
| | | |

1. Гурӯҳро дар назди флипчарт, ки дар аввали машғулият омода ва истифода гардида буд (ба боло нигаред) ҷамъ намоед.
2. Аз иштирокчиён ҳангоми пур кардани сутуни сеюм пурсед, ки чиро омӯхтанд (дар охири семинар).


ХУШ
ОМАДЕД!

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

юнисеф
барои ҳар як кӯдак